***1-qism: Har bir topshiriq 0,9 balldan baholanadi***

1. Саволҳои чӣ қадар?, чӣ андоза? чӣ қадарӣ?, ба кадом навъи зарф тааллуқ дорад?
а) зарфи микдору дараҷа
б) зарфи тарзи амал
в) зарфи замон
г) зарфи сабаб

2. Муҳаққиқони адабиёт арзиши фалсафӣ ва бадеии кадом қасидаи адибро бо қасидаҳои машҳури Абдураҳмони Ҷомӣ «Луҷҷат-ул-асрор» ва Алишери Навоӣ «Тӯҳфат-ул-афкор», ки бо мисраи «Оташин лаъле, ки тоҷи хисравонро зевар аст», оғоз меёбад, баробар донистаанд?
а) «Миръоти ибрат»-и Аҷзии Самарқандӣ
б) «Одамият чист?»-и Тошхоҷаи Асирӣ
в) "Туҳафи аҳли Бухоро"-и Мирзо Сироҷ
г) "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш

3. Иборае, ки аз се ва ё зиёда калима таркиб ёфтааст, чӣ номида мешавад?
а) ибораи ҷонишнӣ
б) ибораи исмӣ
в) ибораи мураккаб
г) ибораи содда

4. Кадом адиб соли 1285 ҳиҷрии қамарӣ «Қобуснома»-ро тасҳеҳ намуда, ба он муқаддимае навишта, бо иловаи асари Амир Темур – «Тузуки Темурӣ» ба нашр расондааст?
а) Зиёпошшои Усмонӣ
б) Ҳабиби Яғмоӣ
в) Абулфатҳи Бустӣ
г) Ризоқулихони Ҳидоят

5. Кадом навъи ҷумлаҳои мураккаб аз ҷумлаҳои соддаи баробарҳуқуқ тавассути пайванакҳои пайвасткунанда ва оҳанг таркиб меёбад?
а) тобеъ
б) пайваст
в) содда
г) хуллас

6. Суханҳои зерин: «Як вақт як бағал таёқи сафеди зарангро ба рӯи тахтапул оварда партофтанд. Аз паси он ситамдидаеро кашон-кашон оварда, як одами ғӯл ба пушташ бардошту тахтапушташро луч карда, ду кас бо таёқи сафеди заранг мувофиқи амри фармондеҳе ба задан сар карданд, чун «бир» мегуфт, ду кас яктогӣ мезаданд, вақте ки «икки» мегуфт, боз он ду кас яктогӣ мезаданд, яъне ба ҳар шумора ду бор мезананд... » ба қалами кадом адиб тааллуқ дорад?
а) Раҳим Ҷалил
б) Тӯрақул Зеҳнӣ
в) Ҷалол Икромӣ
г) Садри Зиё

7. Ҳиссачаи «ҳа» («ҳо») ба кадом намуди услуб мансуб буданашро муайян кунед?
а) услуби илмӣ
б) услуби расми-коргузорӣ
в) услуби гуфтугӯӣ
г) услуби рӯзноманигорӣ

8.Кадом донишманди шинохта «Қасидаи «Одамият чист?»-и Асириро гимнест, суруди пуртантанаи пурҷӯшу хурӯшест дар шаъни инсон, дар васфи фазилат ва бузургии инсони халлоқ, инсони эҷодкор» гуфтааст, муайян кунед?
а) Садриддин Айнӣ
б) Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ
в) Ҷалол Икромӣ
г) Раҳим Ҳошим

9. Кадом адиб оиди маданияти сухан гуфтааст: «Бо қатъияти тамом бояд гӯем, ки маданияти сухани тоҷикӣ дар ягон давру замон чун имрӯз паст нарафта буд» он кист, муайян кунед?
а) М. Шукуров
б) Р. Ғаффоров
в) С. Ҳошимов
г) Б) Камолиддинов

10. Муаллифи суханҳои зерин: «Саъдӣ комилтарин нобиғаест, ки рӯзгор дар шеъру адаб парварида ва агар падари пири фалак бисёр ҳам сабр кунад, модари гетӣ чун ӯ фарзанд натавонад зод», ки ба Саъдии Шерозӣ бахшида шудааст, он кист муайян кунед?
а) Зиёпошшои Усмонӣ
б) Ҳабиби Яғмоӣ
в) Ризоқулихони Ҳидоят
г) Абулфатҳи Бустӣ

***2-qism: Har bir topshiriq 1,5 balldan baholanadi***

11. Кадом пешоянд аз пешояндҳои аслӣ ва исму зарфҳое таркиб меёбанд, ки маънои луғавиашро қариб гум карда, фақат барои тафсили пешоянд хизмат мекунад?
а) пешоянди ҷузъ
б) пешоянди то
в) пешоянди барои
г) пешоянди бе

12. Охирин сафари Садриддин Айнӣ ба Бухоро соли 1949 бо ҳамроҳии кадом адибон буд, ки барои ҷамъ кардани маводи «Ёддоштҳо» сурат гирифта будааст?
а) Р. Ҷалил ва М. Турсунзода
б) Ф. Муҳаммадиев ва Ҷ. Икромӣ
в) С. Улуғзода ва Р. Ҷалил
г) Ҷ. Икромӣ ва С. Улуғзода

13. Ҷумлаҳое, ки танҳо хабар ва ё мубтадо доранд, ба кадом навъи ҷумлаи содда мансуб аст?
а) яктаркиба
б) дутаркиба
в) сетаркиба
г) мураккаб

14. Муаллифи суханҳои зерин: «Агар мақсад аз меҳнати адабӣ нафъи омма бошад, ҳар сухани «Бӯстон» як дурри ноёб – як гавҳар ва ҳар байташ як хазина аст» ба қалами кадом донишманд мансуб аст, муайян кунед?
а) Абулфатҳи Бустӣ
б) Зиёпошшои Усмонӣ
в) Ҳабиби Яғмоӣ
г) Ризоқулихони Ҳидоят

15. Кадом навъи ҷумлаи пайрави ҳол ба саволи ҳам чӣ қадар?, ба кадом дараҷа ҷавоб мешавад?
а) тарзи амал
б) монандӣ
в) миқдору дараҷа
г) замон

16. Дар миёни ашъори ӯзбекии Тошхоҷаи Асирӣ қитъае бо кадом ном ҳаст, ки мавқеи шоирро дар баҳо додан ба амали рӯҳониёни мутаассиб ва ҷоҳталаб хеле равшан нишон медиҳад?
а) «Дар мазаммати Эшони найчӣ»
б) «Дар мазаммати Эшони дуторчӣ»
в) «Дар мазаммати Эшони сурнайчӣ»
г) «Дар мазаммати Эшони Дукчӣ»

17. Ҳиссачаи «оре», ки муродифи «ҳа» мебошад, ба кадом навъи услуб тааллуқ доштанашро муайян кунед?
а) услуби китобӣ
б) услуби илмӣ
в) услуби расми-коргузорӣ
г) услуби рӯзноманигорӣ

18. Аввалин шарҳдиҳандаи «Гулистон»-и Саъдӣ кист, ки дар «Мифтоҳи Гулистон» ном асараш ибораҳои душворфаҳм, оёту ҳадис, шеърҳои арабӣ ва форсии «Гулистон»-ро шарҳ дода, ба хонандагон барои дарки асар кӯмаки босазо расонидааст?
а) Увайс ибни Одам
б) Увайс ибни Аловиддин
в) Алихони Орзу
г) Акрами Мӯлтонӣ

19. Муаллифи суханҳои зерин: «Алфоз қаволиби маънихост. То лафз хуш наояд, маънии баланд аз вай сар барназанад» -ро муайян кунед?
а) Садриддин Айнӣ
б) Ҷалол Икромӣ
в) Аҳмади Дониш
г) Муҳаммадҷон Шукуров

20. Суханҳои зерин ба қалами кадом адиб тааллуқ дорад, ки таъсири осори устод Айниро дар адабиёти сарзамини Мовароуннаҳр одилона эътироф намуда гуфтааст: «Айнӣ фақат падар ва устоди адабиёти тоҷик набуда, балки падар ва устоди ҳамаи адабиётҳои Осиёи Марказӣ мебошад» кист муайян кунед?
а) Чингиз Айтматов
б) Абдулло Қодирӣ
в) Расул Ғамзатов
г) Бердӣ Карбобоев

***<u>3-qism: Har bir topshiriq 2,6 balldan baholanadi</u>***

21. Он ҳиссаи нутқ, ки барои ифодаи ҳаяҷону ҳиссиёти гуногун хидмат мекунад, чӣ ном дорад?
а) нидо
б) пешоянд
в) пасоянд
г) пайвандак

22. Кадом асари устод Айнӣ аз 30 боб иборат буда, соли 1922 навишта шуда, соли 1924 дар Берлин ба табъ мерасад?
а) «Марги судхӯр»
б) «Қизбола ё ки Холида»
в) «Қуллар»
г) «Ёддоштҳо»

23. Ҷумлаҳое, ки дар онҳо мубтадо нест ва онро аз мазмуни ҷумла ҳам фаҳмида намешавад, чӣ ном дорад?
а) ҷумлаи муайяншахс
б) ҷумлаи унвонӣ
в) ҷумлаи бешахс
г) ҷумлаи номуайяншахс

24. Ҳикояе аз «Гулистон»-и Саъдӣ дар «Оини зиндагӣ» ном асари кадом адиб низ мавҷуд аст, ки дар равоншиносии муосир аз он ба тариқи тамсил истифода бурдааст, ки қаҳрамони сужети он худи Саъдӣ мебошад?
а) Маликушуарои Баҳор
б) Алихони Орзу
в) Увайс ибни Одам
г) Дейл Корнегӣ

25. Мисоли «Тамоми шаб аҷоиботи ҳамон тарафҳоро таърифу тавсиф карда баромад, гӯё ба ман мефурӯхта бошад» ба кадом навъи ҷумлаи пайрави ҳол мансуб аст?
а) монандӣ
б) макон
в) тарзи амал
г) сабаб

26. Шеъри «Фарёди миллат» ба қалами кадом адиб тааллуқ дорад, ки эҳсосоти амиқи ватандӯстиро ифода карда, халқро ба ваҳдати миллӣ даъват мекунад?
а) Мирзо Турсунзода
б) Абулқосим Лоҳутӣ
в) Лоиқ Шералӣ
г) Бозор Собир

27. Яке аз сабабҳои дорои хусусиятҳои услубӣ будани ҳиссачаҳо ба масъалаи чӣ вобаста аст?
а) ба масъалаи оммонимҳо
б) ба масъалаи антонимҳо
в) ба масъалаи муродифҳо
г) ба масъалаи пасояндҳо

28. Суханҳои зерин: «... агар касе дар ҳикоёти «Гулистон» аз назари арӯз диққат кунад, сатре нест, ки мисраи тамом ё нотамом дар он набинад ва ҳеҷ насре дар Араб ва Аҷам ин сифат надорад ва ин ҳунар худ хоси Саъдист» ба қалами кадом адиб таалуқ дорад?
а) Алихони Орзу
б) Увайс ибни Одам
в) Дейл Корнегӣ
г) Маликушуарои Баҳор

29. Ҳунари сухандонию сухансанҷӣ дар тамаддуни мардуми форсизабон таърихи қадима дошта, ба ин маънӣ кадом адиб чунин гуфтааст: «Метавон гуфт аз ҳамон рӯзгоре, ки сухан пайдоиш гирифта, сухансанҷӣ низ ба вуҷуд омадааст» он кист, муайян кунед?
а) Ҳоҷӣ Муҳаммад Кошонӣ
б) Баҳриддин Камолиддинов
в) Муҳаммадҷон Шукуров
г) Садриддин Айнӣ

30. Кадом нависанда аввалинбор санъати саҷъро дар асарҳои худ васеъ корбаст намуда, ин санъатро дар насри форсӣ-тоҷикӣ ҷорӣ намудааст?
а) Шайх Абулҳасани Харақонӣ
б) Хоҷа Абдуллоҳи Ансории Ҳиротӣ
в) Ҳусайн Воизи Кошифӣ
г) Унсурулмаолии Кайковус